| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Тасдиқ карда шуд:<br>Вазорати молияи<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>___________<br>«__» _________2012 | Тасдиқ карда шуд:<br>Кумитаи андози<br>назди Ҳукумати<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>___________<br>«02» ____03____2012 | Тасдиқ карда шуд:<br>Хадамоти гумруки назди<br>Ҳукумати Ҷумҳурии<br>Тоҷикистон<br>___________<br>«02» ____03____2012 | Мувофиқа карда шуд:<br>Бонки миллии<br>Тоҷикистон<br>___________<br>«__» _________2012 | Мувофиқа карда шуд:<br>БДА Ҷумҳурии<br>Тоҷикистон<br>«Амонатбонк»<br>___________<br>«__» _________2012 |

**Дастурамал**
**дар бораи тартиби сабти рақамҳои мушаххаси андозсупоранда ва рамзҳои (кодҳои) гурӯҳбандии даромадҳои андозӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ дар супоришномаҳои пардохтӣ, ҳангоми гузаронидани маблағҳо ба буҷети давлатӣ тавассути Сарраёсати Хазинадории Марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Дастурамали мазкур дар асоси моддаҳои 45 ва 79 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисоббаробаркунии ғайринакдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (№112 аз 1 марти соли 2001), «Дар бораи ташкили ҳисоббаробаркуниҳо байни ташкилотҳои қарзӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон» (№178 аз 14 октябри соли 2011) таҳия гардида, тартиби сабти рақамҳои мушаххаси андозсупорандагон ва рамзҳои (кодҳои) гурӯҳбандии даромадҳои андозӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ дар супоришномаҳои пардохтӣ, ҳангоми гузаронидани маблағҳо ба буҷети давлатӣ тавассути Сарраёсати Хазинадории Марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои маҳаллии онро танзим менамояд.

2. Тибқи Дастурамали мазкур тамоми субъектҳои хоҷагидор (шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ), ки дар бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявӣ суратҳисобҳои ҷорӣ доранд вазифадоранд

ҳангоми гузаронидани маблағи даромадҳои андозӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ дар супоришномаҳои пардохтӣ рақамҳои мушаххаси худро, инчунин рамзҳои (кодҳои) гурӯҳбандии даромадҳои андозиро сабт намоянд.

3. Бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявӣ ӯҳдоранд, ки амалиётҳои накдӣ ва ғайринакдии субъектҳои хоҷагидорро оид ба пардохти маблағи даромадҳои андозӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ бе сабти рақами мушаххаси андозсупоранда ва рамзи (коди) гурӯҳбандии даромадҳои андозӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ дар супоришномаҳои пардохтӣ, анҷом надиҳанд.

4. Муқаррар карда шавад, ки пардохти намудҳои алоҳидаи даромадҳои андозӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ бояд дар супоришномаҳои пардохтии алоҳида қабул карда шаванд. Пардохти ду ва ё се намуди андозҳои давлатӣ дар як супоришномаи пардохтӣ манъ аст.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон_бо мақсади дастрас будани маълумот оид ба бонкҳои хизматрасони буҷетӣ вазифадоранд, ки ҳамасола маълумот оид ба суратҳисобҳои ҷории буҷети ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, инчунин рақамҳои мушаххаси буҷетҳои мазкурро дар сомонаҳои расмии худ (www.minfin.tj, www.andoz.tj ва www.customs.tj ) ҷой диҳанд.

## 2. Рақами мушаххаси андозсупоранда

6. Рақами мушаххаси андозсупоранда дар майдончаҳои супоришномаи пардохтӣ барои идентификатсияи андозсупоранда пешбинӣ гардида, назорати иҷрои ӯҳдориҳои андози онро таъмин менамояд.

7. Дар супоришномаҳои пардохтӣ, мувофиқи тартиби пешбининамудаи Дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бояд рақамҳои мушаххаси пардохткунанда (субъекти хоҷагидор) сабт карда шаванд.

8. Субъектҳои хоҷагидор метавонанд оид ба рақами мушаххаси худ аз мақомоти андози маҳали баҳисобгирии бақайдгирӣ ва (ё) тавассути занги телефонӣ аз Маркази хизматрасонии Кумитаи андоз (Call center) маълумот дастрас намоянд.

### 3. Тартиби пур намудани супоришномаи пардохтӣ

9. Ҳангоми интиқоли маблағҳо аз тарафи ташкилоту муассисаҳо, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба буҷети давлатӣ.

- дар майдончаи РМА-и гирандаи супоришномаи пардохтӣ ду рақами аввал барои рамзҳои минтақавӣ истифода бурда шаванд. (Замимаи 1)
- дар майдончаи РМА-и гирандаи супоришномаи пардохтӣ дар ҳафт рақами баъдӣ, рамзҳои гурӯҳбандии даромад истифода бурда шаванд. (Замимаи 2)
- дар майдончаи намуди пардохти супоришномаи пардохтӣ, рамзи мақомотҳои ваколатдори воридкунандаи андозҳо ва пардохтҳои ҳатмии буҷети Ҷумҳуриявӣ нишон дода шавад. (Замимаи 3)

### 4. Рамзи гурӯҳбандии даромадҳои андозӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ

13. Сабти рамзи гурӯҳбандии даромадҳои андозӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ дар супоришномаҳои пардохтӣ, мувофиқи гурӯҳбандии даромадҳо ва хароҷотҳои буҷетӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2004 №159 тасдиқ гардидааст, амали карда шавад. (Замимаи №2)